**ТАҚРИЗ**

**ба диссертатсияи Муродова Нигина Сулаймоновна дар мавзуи "Масъалаҳои модернизатсияи сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: хусусиятҳои асосӣ, шаклҳои амалишавӣ ва натиҷаҳои он", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ**

Дар шароити ҳозира ташаккули ҷомеаи муосир омили муҳимми рушди давлатдории демократӣ, ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи маданӣ мебошад. Тоҷикистони соҳибистиқлол низ дар раванди инкишофи демократӣ қарор дорад. Тадқиқи чунин ҳолат зарурати муайян намудани омилҳои зарурии ҳамгироии инкишофи сиёсӣ бо талаботҳои муосири давлатдорӣ, таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва соҳибихтиёрии миллӣ дар раванди дигаргуниҳои сиёсӣ пайвандӣ дорад. Муҳиммияти масъалаи мазкур бо истифодаи таҷрибаи модернизатсия, ки чун тарҳи инкишоф эътироф гардидааст ва дар ҳалли масъалаҳои рӯзмарраи сиёсӣ истифода мегардад ва дар системаи сиёсии Тоҷикистони муосир масъалаҳои зиёди илмиву назариявиро тавлид месозад, ки ба тадқиқ ниёз дорад, баррасӣ мегардад. Кори диссертатсионии Муродова Нигина Сулаймоновна дар мавзуи "Масъалаҳои модернизатсияи сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: хусусиятҳои асосӣ, шаклҳои амалишавӣ ва натиҷаҳои он" ба чунин проблемаи илмӣ алоқамандӣ дорад, ки бо мақсади муайян намудани тарҳи инкишофи сиёсии Тоҷикистони муосир коркард шудааст.

Рисолаи диссертатсионии Н.С. Муродова ба масъалаҳои назариявии модернизатсияи сиёсӣ ва таҷрибаи амалии равандҳои модернизатсионии кишварҳои гуногун, ки ба қатори ҷомеаҳои муосир, бо истифодаи шаклҳои идоранамоии ғарбӣ дар сиёсат ва иқтисодиёт шомил шудаанд, бахшида мешавад. Дар диссертатсия аз ҷониби унвонҷӯй таҷрибаи амалии Тоҷикистон, махсусан, дар солҳои истиқлолият, ки бо давраи ҷангӣ ва баъдиҷангӣ рост меояд, чун намунаи таҳаввулоти низоми сиёсӣ бо натиҷаи ташаккули ҷумҳурии демократӣ асос мёёбад, таҳлил шудааст.

Тадқиқи дигаргуниҳои инкишофи ҷамъиятиву сиёсии Тоҷикистон на танҳо дар фаҳми сабабҳо ва механизмҳои тағйироти иҷтимоӣ, балки дар маълумсозии самтҳои пешгӯинамоӣ ва коркарди стратегияи дигаргуниҳои иҷтимоӣ алоқаманд мебошад, ки дар рисола инъикос ёфтааст. Бинобар ин, ҳадафи асосии тадқиқи рисола таҳлили ҳамаҷониба ва комплексӣ, баррасӣ намудани мақом ва нақши модернизатсияи сиёсӣ дар ташаккул ва инкишофи мутаносиби системаи сиёсии муътадил мебошад.

Кори диссертатсионии Н.С. Муродова, ки ба дигаргуниҳои сиёсии ташаккули системаи сиёсии демократӣ бахшида мешавад, кори илмии мукаммалгардида ва бо маълум сохтани хусусиятҳои асосҳои методологии тадқиқи масъалаҳои модернизатсияи сиёсӣ, таҳлили консепсияҳои асосии назарияи модернизатсияи сиёсӣ, муайян намудани самтҳои асосии инкишофи ҷомеаи муосир роҷеъ ба таҳлили асосҳои методологии таълимоти модернизатсияи сиёсӣ, ки дар низоми сиёсии ҷаҳонӣ пайдо мешаванд, вобаста мебошад ва ба таҳлил ва тадқиқи амиқ ниёз доранд.

Асосҳои методологии тадқиқотро тарзу муносибати назариявию амалӣ ба масъала ташкил намудааст, ки дар сатҳи илмӣ ва назариявии рисоларо устувор ва мукаммал месозад. Муносибати методологӣ дар доираи истифодаи муносибатҳои илмӣ (консептуалӣ, системавию сохторӣ, меъёрию арзишӣ) ва методҳои умумиилмӣ (таърихӣ, сотсиологӣ) ва методҳои таҳқиқи сиёсӣ (таҳлили танқидӣ, эмпирикӣ, бихевиористӣ, муқоисавӣ ва ғайра) ба амал бароварда шудааст.

Рисола аз се боб ва нуҳ зербоб иборат мебошад. Вазифаҳои рисола дар муаяйн намудани махсусиятҳои модернизатсияи сиёсӣ ва майлонҳои рушди ҷомеаи навташкил, ошкор сохтани сарчашмаҳо, сабабҳои муваффақият ва нокомиҳо дар рафти амалишавии самтҳои модернизатсия дар таҷрибаи кишварҳои муосир, муаяйн намудани

тамоюлҳои рушди ҷомеаи навташкил, таҳлили омилҳои асосии вазъи буҳронӣ, маълум сохтани сабабҳои номуътадилии инкишоф дар ибтидои равандҳои модернизатсионӣ ва ошкор сохтани механизмҳои самараноки муътадилсозии шароит ва бартарафсозии низоъ ва буҳронҳо дар боби якуми рисола “Асосҳои назариявию методологии тадқиқи модернизатсияи системаи сиёсии ҷомеаи гузаришӣ” ҳалли худро пайдо карданд.

Боби дуюми рисола “Хусусиятҳо ва унсурҳои асосии модернизатсияи системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аҳамияти илмии махсусро соҳиб мебошад. Дар боби мазкур таҳлили муқоисавии ҳолати рушди Тоҷикистони то соҳибистиқлолӣ ва баъдина роҷеъ ба тағйири системаи интихоботӣ, унсурҳои идории кишвар, низоми арзишҳо ва идеологияи сиёсӣ дар асоси таҷрибаи кунунии Тоҷикистон, ки маҳсули модернизатсияи системаи сиёсӣ аст, ба амал бароварда мешавад. Дар боби мазкур шаҳри заминаҳои ташаккул ва инкишофи модернизатсияи системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян кардани хусусиятҳои зуҳуроти он, ошкор сохтани аҳамияти воқеият ёфтани он, марҳилаҳо ва вазифаҳои ҳадафҳои модернизатсия, маълум намудани махсусиятҳои зуҳуроти модернизатсия ва таъсиррасонии онҳо ба коркарди асосҳои тағйирпазирии ҷомеаи тоҷик, таҳлили хусусиятҳои ислоҳоти системаи сиёсӣ пайваста бо вазъи сиёсии муосир, муайян намудани зарурати қабули қарорҳои сиёсӣ баҳри нигаҳдории самаранокӣ ва муътадилии инкишофи ҷомеа дар асоси ошкор сохтани ҳолати рушди Тоҷикистони муосир таҳлили ҳамаҷонибаи худро пайдо карданд.

Боби сеюми рисола “Масъалаҳои баҳамтаъсиррасонӣ ва ҳамоҳангии институтҳои ҷомеаи маданӣ ва давлати иҷтимоӣ дар раванди модернизатсияи сиёсӣ” бо ҳалли вазифаҳои зерин: муайян намудани хусусиятҳои баҳамтаъсиррасонии ниҳодҳои ҷомеаи маданӣ ва давлати иҷтимоӣ дар раванди модернизатсия, таҳлили тамоюлҳо ва қонуниятҳои

бахамтаъсиррасонии ниҳодҳои ҷомеаи маданӣ ва давлати иҷтимоӣ дар раванди ташаккули системаи сиёсии муосири кишвар, баррасии шаклҳои иштироки ниҳодҳои ҷомеаи маданӣ дар раванди модернизатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили фаъолияти ниҳодҳои ҷомеаи маданӣ бахри пешгирӣ ва ҳалли низоъ ва иштироки онҳо дар ҳаёти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом ёфтааст.

Дар фарҷоми кори диссертатсионӣ хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии рисола оварда шудааст, ки барои инкишофи минбаъдаи Тоҷикистон аҳамияти хоса доранд. Ба андешаи унвонҷӯй модернизатсияи системаи сиёсии Тоҷикистон тарҳи мутамаддини инкишофи ҷомеаи муосир, ки дорои хусусиятҳои фарҳангиву иҷтимоӣ ва таърихӣ мебошад, ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, зарурати дарки назариявӣ ва методологии он дар тафаккури илмӣ ба миён меояд, ки рисолаи мазкур иҷрои чунин вазифаро дар дӯш дорад. Аз ҷониби унвонҷӯй таҳияи консепсияи муосири ислоҳоти системаи сиёсӣ бо муайян намудани механизмҳои мушаххас ва босамари легитимикунонии ҳокимият ва институтҳои сиёсӣ ва бо ба инобат гирифтани истифодаи роҳҳои коркард ва паҳнгардии идеологияи модернизатсионӣ (бо инобат гирифтани вазъи ҷуғрофӣ, манфиатҳои миллӣ ва геополитикӣ ва бартарафсозии таъсиррасонии манфии фарҳанги глобалӣ), ки бо ҷавҳари равонии замони гузариш мутобиқ мебошад, ба миён меояд.

Муродова Н.С. дар рисола қайд менамояд, ки “Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон модернизатсияи сиёсӣ танҳо дар мавриди ҷой доштан ва фаъол будани ду институти асосии ҷамъиятӣ, ки имконияти муаяйн намудани самти бехатар ва умумии онро доранд, амалӣ мешавад. Яке аз онҳо дастгоҳи самараноки фаъолияти давлатии бо принсипҳои касбият, мавҷудияти идеологияи мухталиф омодагардида мебошад. Аз тарафи дигар неруҳои зиёди ҷамъиятӣ, ки маҷмӯи манфиатҳои умумиро ҷамъ намуда тайёр будани иштироки худро дар лоиҳаҳои модернизатсионӣ

ошкор месозанд, метавонанд равиши модернизатсияро мақсаднок амалӣ созанд”.

Рисола аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ ҷолиб мебошад. Мантиқан андешаҳои муаллиф саҳеҳ баён гардидаанд ва мазмунан аз нигоҳи илмӣ устувор мебошанд. Алоқамандии тадқиқи назариявии мавзуъ бо ҳолати воқеии он дар таҷрибаи кишварҳои модернишуда ва Тоҷикистон моҳияти илмии кори диссертатсиониро дучанд месозад. Рисолаи мазкур аз ҷиҳати сохтор ва ҳаҷм мутобиқи талаботҳои навиштани кори илмӣ мебошад. Ҳолатҳои асосӣ, хулосаҳо, тавсия ва пешниҳодҳо дар кори илмии мазкур дар шаш монография ва зиёда аз 44 мақолаҳои илмӣ инъикос ёфтаанд. Масъалаҳои рӯзмарра ва хулосаҳои тадқиқот дар маводҳои конференсия ва семинарҳои байналхалқӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ таҳлил ёфтанд.

Рисолаи диссертатсионӣ маҳсули кори илмии унвонҷӯй ба хисоб рафта, ба талаботҳо оид ба диссертатсияҳо дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии доктори илм мувофиқ аст. Муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мебошад.

Доктори илмҳои фалсафа, сарходими
Илмии шӯъбаи таърихи фалсафаи
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва
ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови
Академияи миллии илмҳои
Тоҷикистон

М. Маҳмадҷонова

734025, ҶТ, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33
Muhiba@bk.ru тел. 918 87 70 09

Имзои М. Маҳмадҷоноваро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳои Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи
А. Баҳоваддинов

А. Назирова